Ба Шӯрои диссертатсионии
6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

Системаи идоракунии кадрҳо ба натиҷаҳои кор таъсири калон мерасонад. Вақте ки як ширкати чаканафурӯшии шабакавӣ нав ба бозор ворид мешавад, барои ҷалби номзадҳои беҳтарин, эҷод кардани бренди қавии HR - симои созмон ҳамчун корфармои муваффақ ва боэътимод муҳим аст. Муҳим фаҳмидани он аст, ки вай барои чӣ натиҷаи стратегӣ саъй мекунад, чӣ обрӯи худро ба даст овардан мехоҳад ва дар бозор чӣ гуна «обрӯ» эҷод кунад. Ин корро дар ибтидо бо истифода аз аввалин мағоза ба ҷо овардан лозим аст: одамонро шароити хуби меҳнат, шароити одилонаи музди кор, мукофотонидани коргарони беҳтарин, муҳити мусбат ва кори коллектив ба худ ҷалб мекунад.

Аз ин рӯ роҳбарону масъулин бояд системаи идоракунии кадрҳоро тадриҷан таҳия ва азнавсозӣ намоянд - аз интихоб то ташаккули захираи кадрҳо, таълим, таҳсил, бозомӯзӣ, такмил, болоравии маснади касбӣ, нигоҳдорӣ, сиёсати кадрии ояндасоз, инчунин таҳияи барномаҳои самараноки ҳавасмандкунӣ ва фароҳам овардани шароити хуби корӣ.

Ба андешаи муаллиф иқтисодиёти рақамӣ падидаи нави илми иқтисодӣ буда, бо рушди технологияҳои рақамӣ, фазои рақамӣ, зеҳни сунъӣ, корхонаҳои маҷозӣ, суръатбахшии хизматрсониҳои алоқа, таҳияи моделҳои нави коммуникатсионӣ, ҳамкории субъектҳои иқтисодӣ, ба хусус инкишофи иқтидори кадрӣ алоқаманд мебошад.

Муаллиф дар асоси андешаҳои болозикр дуруст қайд менамояд, ки

барои дар амал татбиқ намудани ин падида истифода бурдани имкониятҳои мавҷуда мутахассисоне заруранд, ки барои кор кардан бо технологияи нав, идоракунии моделҳои нави ташкили меҳнат, дар шароити зудтағйирёбанда ва мураккаб ҳамеша омода бошанд. Ин мушкилот таҳияи методологияи идоракунии иқтидори кадриро дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ бо назардошти ниёзҳои рушди дохилии тамоми механизмҳои иҷтимоию иқтисодии идоракунии меҳнат мубрам мегардонанд. Муҳимияти мавзӯи баррасишаванда ба таҳқиқи васеи мушкилоти болозикр алоқаманд аст.

Ҳамин тавр, интихоби мавзӯъ, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевичро мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст.

Дар автореферати диссертатсия муаллиф системаи принсипҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди иқтисоди рақамиро хеле бамаврид таҳия намудааст.

Ҳамзамон аз ҷониби муаллиф тамоюли иқтидори кадрӣ дар шароити рақамикунонӣ ва дар ин замина таҳлили омилҳои таъсиррасон ва унсурҳои таъминкунандаи рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти рақамӣ асоснок карда шудааст.

Аз рӯи вазъи савдо вазъи иқтисоди кишвар ва минтақа баҳо дода мешавад, зеро вазифаҳои сохторсози савдо тавлидкунандаи талабот ва танзимгари бозор мебошанд. Ҳоло аз ҷиҳати суръатнокӣ  афзоиши бозори чакана назар ба афзоиши тамоми соҳаҳои иқтисодиёт қариб ду баробар тезтар аст. Бозори савдои чаканаи махсулоти озуқаворӣ, аз ҷумла бо шакли сети ташкилӣ махсусан афзалиятнок аст.

Муваффақияти занҷирҳои савдои чаканаи хӯрокворӣ (занҷирҳо) ба баланд бардоштани стандартҳои сифати мол ва хизматрасонӣ вобаста аст. Барандаи асосии стандартҳои хидматрасонии босифат ба мизоҷон кормандони шабакаҳои савдои чакана мебошанд. Аз ин рӯ, занҷирҳои чакана ба чунин ташкили идоракунии кормандон ниёз доранд, ки

қодиранд хусусиятҳои раванди технологӣ, шакл ва мундариҷаи меҳнатро дар мағозаҳо, вазъ дар бозори меҳнат ба назар гирифта, ба тағиротҳои беруна ва муҳити дохилӣ мутобиқ созанд.

Дараҷаи баланди стандартикунонии фаъолият ва равандҳои идоракунии кадрҳо дар ташкили идоракунии кадрҳо дар занҷирҳои савдои чаканаи хӯрокворӣ аҳамияти калон пайдо мекунад, зеро ҳар як хато дар тамоми воҳидҳои шабака борҳо такрор карда мешавад.Ғайр аз ин, стандартикунонӣ имконият медиҳад, ки усулҳои пешқадами ташкили савдо, меҳнат ва хизматрасонӣ ба харидорон зуд ва самаранок паҳн карда шавад. Стандартҳое, ки фарҳанги ташкилӣ ва манфиатҳои мушаххаси шабакаҳоро нишон медиҳанд, низ муҳиманд.

Дар автореферати диссертатсия самтҳои асосии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар асоси такмилдиҳии механизми идоракунии он дар шароити рақамикунонӣ ассоснок шудааст. Ба андешаи муаллиф, барои рушди иқтидори кадрӣ бояд: мониторинги вазъи кунунии иқтидори кадрӣ, интихоби лоиҳаҳои ояндадор дар соҳаи ҳифз ва рушди он, ташаккули бонки иттилоотӣ оид ба лоиҳаҳои рушди иқтидори кадрӣ дар савдо, таҳлили лоиҳаҳо ва додани маблағ ба корхонаҳои истеҳсоливу тиҷоратӣ барои иҷрои онҳо аз руи шартҳои маблағгузории якҷоя; пешбурди ғояҳои сарпарастӣ ва хайрхоҳӣ дар соҳаи рушди иқтидори кадрӣ дар иқтисодиёт, такмили ихтисос, бозомӯзӣ, аттестатсия ва ғайра ба роҳ монда шавад.

Нигоҳ накарда ба арзишмандии диссертатсия, мо ба сифати эроду тавсияҳо қайд кардани чунин нуқтаҳоро зарур мешуморем:

1. Ба андешаи мо, сатҳу сифати диссертатсия боз ҳам беҳтар мегардид, агар муаллиф зимни таҳқиқи такмили усулҳои арзёбии иқтидори кадрии савдои чакана дар масъалаи тайёр кардани кадрҳои ин соҳаро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медод.

2. Дар автореферати диссертатсия ба омӯзиш, таҳлил ва истифодаи самараноки таҷрибаи хориҷии идоракунии иқтидори кадрии корхона таваҷҷуҳи кам зоҳир шудааст.

3. Ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ шояд ба ояндабинии таъминоти кадрӣ муаллиф аҳамият дода бошад, аммо дар автореферат ин масъала дида намешавад.

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоалиев А. А-ро коҳиш намедиҳад. Дар умум диссертатсияро метавон гуфт, ки таҳқиқоти ба итмом расида аст, мустақилияти муаллиф дар омода намудани диссертатсия пурра эҳсос мешавад.

Дар умум метавон зикр намуд, ки диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич кори илмии пурра баанҷом расонидашуда ба ҳисоб рафта, дар асоси талаботи илмӣ- назариявӣ ва амалияи муосир анҷом ёфтааст ва ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда, доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи назарияи иқтисоди
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров Исмоилов М.М.

Суроға: 734700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, тангкӯчаи Мавлонбеков 1., тел: +992 92 7756755, e_mail: mamarahim@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Исмоилов М.М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Наврӯзов Э.М.